**ТДУ. 43.02**

# РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗИЮ ГУМРУКӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

***Ҷумъабоев Х.Қ.-*** *н.и.и., дотсент, ДДМИТ*

***Калимаҳои калидӣ:*** *низоми андоз,кишоварзӣ,андоз аз арзиши иловашуда,боҷи гумрукӣ,воридот,содирот.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри дар амал татбиқ намудани стратегияи рушди устувори иқтисодӣ ва ба роҳ мондани истеҳсолоти маҳсулоти ватании рақобаттобовар ва ба ин роҳ афзун намудани иқтидори содиротии кишвар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои назаррас андешида шудааст.Яке аз фишангҳои молиявие, ки ба ин раванд таъсири мусбӣ мерасонад ин имтиёзҳои амалкунандаи қонунгузории андоз ва гумрук ба ҳисоб меравад.

Аз ҷумла дар ин самт тибқи моддаи 345 Кодекси гумрук воридоти як қатор технологияву таҷҳизот, ки бевосита ба соҳаи кишоварзӣ алоқаманд мебошад, аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда шудаанд, аз он ҷумла:

-воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) барои ташаккул ё пурра кардани фонди (сармояи) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда, ба шарте ки ин молу мулк мустақиман дар истеҳсоли молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии корхона истифода шавад;

- воридоти нахи пахта ва алюминийи аввалия;

- воридоти техникаи таъиноти кишоварзӣ, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд;

-воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи парандапарварӣ ва (ё) ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво[4,269].

Ҳамзамон тибқи моддаи 346 Кодекси гумрук имтиёзҳои тарифӣ барои молҳои аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда дар шакли баргардонидани боҷи қаблан пардохташуда, кам кардани меёъри боҷи гумрукӣ, муқаррар намудани квотаіои тарифҳ барои воридоти (содироти) имтиёзноки мол пешниіод карда мешавад. Тавассути озод намудани воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ заминаи устувор барои ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ муҳаё гардида, то андозае вобастагии бозори дохила аз воридоти маҳсулоти хориҷӣ коҳиш меёбад. Ҳолати бамиёномадаро ба кам шудани воридоти молҳои истеҳсолоташон дар кишвар бароҳмондашуда, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ , орд, макарон, маҳсулоти қаннодӣ , тухм ва гӯшти мурғ ва ғайра тасдиқ менамоянд.

Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми пеш ба Маҷлиси Олии кишвар оид ба дастовардҳои соҳаи кишоварзӣ қайд намудаанд“...дар соли 2020 шумораи корхонаҳои парандапарварӣ ба 181 расида, нисбат ба соли 2017-ум 2,7 баробар зиёд, истеҳсоли гӯшти паранда нисбат ба соли 2017-ум 4,5 баробар афзуда истеҳсоли тухм қариб як миллиард донаро ташкил дода, 5,5 баробар зиёд шудааст. Воридоти гӯшт ба кишвар аз 10700 тоннаи соли 2014 то 180 тонна дар соли 2020 коҳиш ёфтааст, яъне қариб 60 баробар кам шудааст.Ҳаҷми воридоти гӯшти паранда дар соли 2020 нисбат ба соли 2017 зиёда аз 3 баробар коҳиш ёфтааст”[1,6]. Рақмҳои омории овардашуда нишон медиҳад,ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини бехатарии озуқаворӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Ҳамзамон тибқи принсипҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аъзогии он қабул карда шудааст, усулҳою механизмҳои дастгирӣ барои соҳаҳои дахлдори иқтисодиёти миллӣ пешбини шудаанд. Аз ҷумла тибқи банди 4 замимаи II Созишнома оид ба кишоварзӣ (Мароккеш, 15 апрели соли 1994) бо номи «Сабади сабз» дастгирии бахши кишоварзӣ пешбинӣ карда мешавад.Масъалаи баррасишаванда дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб рафта, ҷиҳати ҳалли саривақтии он дар доираи тадбирҳои «Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо» чораҳои муассир андешида мешавад.

Дар доираи созишномаҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо, бо истифода аз моддаи XX Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо бо назардошти дахлнопазирии ҳуқуқу манфиатҳои кишварҳои аъзо дар раванди фаъолияти иқтисодии байналмиллалӣ, кишварҳои аъзо метавонанд аз чораҳои маҳдудкунанда истифода намоянд.

Ҳамзамон мавриди қайд аст, ки дар ҷараёни гуфтушунидҳои бисёрҷониба бо давлатҳои аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо Ҷумурии Тоҷикистон тавонист, ки як қатор соҳаҳои афзалиятнокро, аз ҷумла коркарди пахта ва саноати сабук, саноати хурокворӣ ва коркарди дигар маҳсулоти кишоварзиро ҳимоя намояд. Дар ин радиф ҷиҳати дастгирӣ ва ҳимояи молистесолкунандагонаи ватанӣ ҷумҳурӣ дар савдо бо кишварҳои аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо ҳуқуқи истифодаи боҷҳои воридотии гумрукиро барои гурӯҳ молҳои зерин соҳиб мебошад:

**Ҷадвал - Меъёрҳои ҳимояшудаи боҷҳои воридотии гумрукӣ тибқи гуфтушунидҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо**

| № | Номгӯи маҳсулот | Меъёри ҳимояшудаи боҷи воридотии гумрукӣ |
|---|---|---|
| 1 | Хушмеваҳо | 15-20% |
| 2 | Асал | 20% |
| 3 | Меваву сабзавоти тозаомодашуда | 20-23% |
| 4 | Абрешиму пахта | 20% |
| 5 | Нушокиҳои спиртӣ | 18-23% |
| 6 | маҳсулоти текстиль ва либос | 20% |
| 7 | Пояфзол | 20-30% |
| 8 | Қолинҳо | 30% |
| 9 | Маҳсулоти тамоку | 18% |
| 10 | Баъзе намудҳои молҳои кимиявӣ | 18% |

Дар баробари пешравиҳои самарабахш дар соҳаи кишоварзӣ, кайд намудан зарур аст, ки дар бахши имтиёзҳои муқарраргардидаи қонунгузории амалкунандаи андозӣ ва гумрукӣ то ҳол мушкилот ва мухолифатҳо ба чашм мерасад, ки ба раванди рушди соҳаи мазкур таъсири манфӣ  мерасонад. Имрӯз меъёрҳои пасткардашудаи гумрукӣ нисбати як қатор молҳои воридотӣ аз ҷумла шакар, гандум, хокаи какао, пашми шусташуда ва сунъӣ ва меъёрҳои нисбатан баланди боҷи гумрукӣ ба молҳои ниҳоӣ татбиқ мегарданд. Имтиёзҳои муқарраршуда тибқи рӯйхати аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқшаванда пешниҳод карда мешаванд, ки боиси ба миён омадани номуайянӣ дар тартиби пешниҳоди онҳо мегардад.

Инчунин ҳамасола зиёда аз 50%-и воридот аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд, ки ба воридоти молҳо аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ рост меоянд. Ин ҳолат боиси ба дӯши корхонаҳои соҳибкорӣ таҳвил ёфтани сарбории андозию тарифӣ шуда, ба рушди бахши хусусӣ таъсири манфӣ мерасонад.Аз ин рӯ, таҷдиди назар намудани тартиби пешниҳоди имтиёзҳои тарифию андозӣ ҷиҳати пешниҳоди онҳо на ба субъектҳо, балки ба молҳои воридшаванда ва кам кардани имтиёзҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокнашуда зарур мебошад.

Ҳангоми барасии сиёсати андозию гумрукӣ қисмати даромади буҷети ҷумҳурӣ низ бояд ба назар гирифта шавад. Зеро зиёда аз 70% қисмати даромади буҷети давлатӣ аз фаъолияти мақомоти андоз ва гумрук вобастагии назаррас доранд.

Инчунин имтиёзҳои гумрукию андозии тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда, дар соли гузашта 68,6 фоизи ҳаҷми умумии воридоти мол ва воситаҳои нақлиётро ташкил намуд, яъне аз ҳаҷми умумии воридоти молу воситаҳои нақлиёт, ҳамагӣ 31,3 фоизи он пурра мавриди андозбандӣ қарор гирифтааст, ки он бешубҳа ба воридоти пардохтҳои гумрукӣ таъсири худро расонидааст[9,82].

Қайд намудан зарур аст,ки техникаи таъиноти кишоварзҳ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил дода ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд  аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод мегарданд” [6,1].Ба руйхати мазкур таҷҳизоти истеҳсолии саноати хурокворӣ дохил шуда, имтиёзҳои андозӣ гурӯҳи молии 8438 Номгӯи гумрукии фаъолияти иқтисодии беруна, аз ҷумла таҷҳизоти истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, саноати қаннодӣ ва шакар, истеҳсолоти оби ҷав, коркарди мева, чормағз ва сабзавотро фаро мегирад.

Дар баробари ин таҳлилҳо нишон доданд, ки руйхати мазкур ниҳоят маҳдуд буда, дар маҷмӯъ аз номгӯи 64 намуди таҷҳизоте, ки танҳо 20 фоизи номгӯи таҷҳизот ва технологияҳои ба мамлакат воридшавандаро дар бар мегирад, иборат мебошад. Дар натиҷа воридоти аксари техника ва технологияҳо ва қисмҳои эҳтиётии онҳо бо ситонидани андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ фаро гирифта мешаванд. Аз

ҷумла қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми таҳияи руйхати таҷҳизоти техникӣ ва технологие, ки барои озод намудан аз андоз аз арзиши иловашуда пешниҳод шудаанд, иқтидор ва имкониятҳои афзалиятноки рушди сохтори соҳавии иқтисодиёти миллӣ ба инобат гирифта нашудааст.Ҳамзамон корхонаҳои истеҳсолӣ бо мушкилоти ворид намудани қисмҳои эҳтиётӣ барои таҷҳизоти технологии қаблан воридшуда, ки бо назардошти қатъи мунтазами қувваи барқ тахти хавфи зиёд қарор дорад, дучор мегарданд.

Ин ҳолат ба иқтисодиёти миллӣ зарари ҷиддӣ меорад, зеро арзиши давраги техникаю технологияҳо ва маҳсулот ё хизматрасоние, ки тавассути онҳо истеҳсол карда мешавад, гарон менамояд. Илова бар ин, пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ воридоти яккаратаи маблағ ба буҷет буда, воридоти техникаю таҷҳизот бошад, афзалиятҳои зиёди иқтисодӣ доранд. Аз ҷумла, ба рушди истеҳсолоти рақобатпазири ватанӣ, кам кардани шиддати бекорӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, пайдо шудани сарчашмаҳои нисбатан васеи андозбандӣ барои давраҳои оянда мусоидат намуда, диверсификатсияи истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёрро тавсеа мебахшад. Илова ба ин, соҳибкорон масъалаҳои баҳсталабро ҳангоми эъломиякунонии воридоти таҷҳизоти технологие, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил медиҳад, аммо таҳвили он қисм ба қисм амалӣ гардида, қисмҳои таҷҳизот ба мавқеи молии гуногун ва гуруҳҳои номгӯи гумрукӣ дохил мешаванд, қайд мекунанд.

Дар ин масъалаба фикри мо омузиши низоми андозбандии давлатҳои ҳамсоя аз он ҷумла дар самти механизми татбиқи имтиёзҳои андозию гумрукӣ аз манфиат холӣ нест.Таҳлилҳои ба анҷомрасонидашуда имконият медиҳад,ки дар ҳолати зарурӣ ва қобили қабул будани он, метавон дар қонунгузории амалкунандаи кишвар мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар Федератсияи Россия аз андозбандӣ бо андоз аз арзиши иловашуда воридоти таҷҳизоти технологие (аз ҷумла қисмҳои такмилӣ ва эҳтиётии онҳо), ки дар қаламрави кишвар истеҳсол намешаванд тибқи банди 7 моддаи 150 Кодекси андози Федератсияи Россия озод карда мешаванд. Чунин таҷҳизот бо қарори дахлдор ба руйхати тасдиқшуда ва мунтазам таҷдиди назаршаванда дохил карда шуда, ҳангоми татбиқ бо рамзҳои Номенклатураи молии фаъолияти иқтисодии берунаи Иттифоқи иқтисоди Авруосиё муайян карда мешаванд [7,5].

Дар баробари ин аз 5 июли соли 2016 тартиби пешниҳод намудани тағйиру иловаҳо ба Руйхати мазкур (фармони Вазири саноат ва савдои Федератсияи Россия аз 04.05.2016, № 1424) тасдиқ шудааст,ки тибқи он шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои озод намудани таҷҳизоти воридшаванда аз андоз аз арзиши иловашуда бояд мустақилона нусхаи нақшаи хариди таҷҳизоти технологиро ҷиҳати муосиргардонии базаи моддию техникии корхонаи худ пешниҳод намоянд.Дар сурати татбиқи номгӯи иловашудаи таҷҳизот ба Руйхати мазкур ҳам рамзҳои Номенклатураи молӣ ва ҳам номгӯи таҷиҳизот истифода бурда мешавад.Руйхати мазкур хеле мушаххас буда, номгӯи зиёда аз 230 намуди таҷҳизотро дар бар мегирад ва соле на кам аз 4-5 маротиба таҷдиди назар карда мешавад, ки он пеш аз ҳама ба дастгирии муосиргардонии парки таҷҳизоти технологии корхонаҳои истеҳсолии кишвар, татбиқи сиёсати воридоти вазнамоӣ, ба содирот нигаронидашуда ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷи равона карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Узбекистон Руйхати таҷҳизоти технологие, ки ҳангоми воридот аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад, тибқи қарори дахлдор дар худ номгӯи молии 94 намуди таҷҳизоти истеҳсолии технологиро барои бахшҳои тибб, саноати кимиё, бахши инфрасохтори нақлиётӣ, аз ҷумла нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан, воситаҳои нақлиёти мусофиркашӣ, боркашонӣ, таъиноти истеҳсолӣ, саноати энергетика, саноати металлургия, сикли пурраи коркарди нахи пахта, пашм, чарм, истеҳсоли пояфзол, таҷҳизоти бофандагӣ, коркарди коғаз ва истеҳсоли маводҳои матбуотӣ ва дигар намуди маҳсулот аз коғаз, коркарди ашёи хоми кишоварзӣ ва истеҳсоли озуқа, таҷҳизоти кишоварзӣ, боғдорӣ, хоҷагии ҷангал, занбурпарварӣ ва паррандапарварӣ, истеҳсоли шароб ва шарбатҳои мевагӣ, таҷҳизоти коркади шир ва истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, таҷҳизоти ҳосил-ғундорӣ,таҷҳизоти сардкунанда ва гармидиҳанда, таҷхизоти зарфшӯӣ ва борпечонӣ, таҷҳизоти истихроҷ, таҳвил ва коркарди нафту газ дар бар мегирад, ки ба пуррагӣ талаботи корхонаҳои истеҳсолии иқтисодиёти миллиро фаро мегирад [8,3].

Татбиқи Руйхати мазкур пеш аз ҳама ба муосирнамоии технологии корхонаҳои истеҳсолӣ ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ нигаронида шудааст, ки бо пешравиҳои назарраси соҳаҳои истеҳсолоти ин кишвар тасдиқ карда мешавад.Бояд қайд кард, ки дар қиёс бо кишвари минтақа дар Тоҷикистон меъёрҳои нисбатан баланди андоз аз арзиши иловашуда-и берунӣ барои воридоти маҳсулот ба назар мерасанд.

Ҷиҳати ҳавасмандгардонии соҳибкорони соҳаи истеҳсолӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Қиргизистон воридоти як қатор молҳои зарурӣ ба ҳудуди мамлакат ва таҳвили минбаъдаи онҳо мувофиқи моддаҳои 258 ва 259 Кодекси андози Ҷумҳурии Қирғизситон аз андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд.

Аз ҷумла, мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Қирғизистон ҳангоми воридот дар баробари барои молҳои истифодаи мактабӣ (дафтару китоб), хуроки бачагона, маводи доруворӣ,инчунин нуриҳои минералӣ, тухмиҳои растанӣ, чорвои хушзот, таҷҳизотҳои технологӣ ва фондҳои асосӣ низ, аз супоридани андози арзиши иловашуда озод мебошанд, ҳол он ки барои ин номгӯи молҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 % меъёри чунин андоз муқаррар гардидааст ва ин омил низ, ба интиқоли молҳои бо таври ғайриқонунӣ воридшаванда таъсири худро мерасонад.

Пешниҳоди чунин имтиёзҳои назаррас дар баробари нисбатан паст будани меъёри стандартии андоз аз арзиши иловашуда боиси ба Ҷумҳурии Қирғизистон рафтан соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчун пардохткунандагони ин намуди андоз ба қайд гирифта шудани онҳо дар ин кишвари ҳамсоя ба чашм мерасад.

Ин ҳолат ба тамоюли камшавии содироти расмии меваю сабзавот ва хушкмева ва зиёд шудани содирот ва воридоти қочоқи ин маҳсулот оварла мерасонад.

**Бо назардошти далелҳои зикргардида, пешниҳод карда мешавад:**

1. Паст кардани меъёри андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи меъёрҳои дар давлатҳои ҳамсоя муқарраргадида.
2. Бо назардошти таҷрибаи мамлакатҳои ҳамсоя таҷдиди назар кардани имтиёзҳои андозию гумрукии номгӯи техникаи таъиноти кишоварзӣ, ва таҷҳизоти истеҳсолию технологие, ки дар соҳаи кишоварзӣ пешбинӣ карда шудааст.
3. Пурра озод кардан аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ воридоти ҳама намуди техника, таҷҳизот, воситаҳои техникӣ, технологияҳо, дастгоҳҳо, ҳамчунин қисмҳои такмилӣ ва эҳтиётии онҳо ва таҳвили минбаъдаи онҳо тибқи номенклатураи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки таъиноти асосиашон афзоиши истеҳсолоти ватании мавҷуда ё истеҳсоли молу маҳсулоти нав мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 22.12.2016 12:06, шаҳри Душанбе. сомонаи http://president.tj/node/25005
2. Пансков В.Г., Князев В.Г. Налоги и налогообложения: Учебник для вузов – М.: МЦФЭР, 2003. -336 с.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Точикистон Душанбе. Ирфон, 2012. 672с.
4. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе Ирфон: 2012.450 с бо тағйиру иловаҳо аз 18.03.2015 № 1189, аз 15.03.2016 № 1298, аз 23.07.2016 № 1347, аз 14.11.2016 № 1366, аз 30.05.2017 № 1421, № 1422, аз 21.02.2018 № 1512).
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2003, таҳти №450 «Дар бораи тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 декабри соли 2017, таҳти №576;
6. Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, таҳти №93 "Дар бораи Номгӯи техникаи таъиноти кишоварзи, таҷҳизоти истеҳсолию технолог ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил дода ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд ва аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва бойси гумрук озод мегарданд"
7. Рӯйхати таҷҳизоти технологие, ки ҳангоми воридот аз боҷи гумрукӣ озод мегарданд, Қарори Ҳукумати Федератсияи Россия аз 30.04.2019, таҳти №372.
8. Рӯйхати таҷҳизоти технологие, ки ҳангоми воридот аз ААИ ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон аз 15 феврали 2013, таҳти №21.
9. Ҳисобот оид ба таҳлили низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда, Душанбе,2018.89 с.



## АННОТАЦИЯ

## ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ НАЛОГОВЫХ И ТАМОЖЕННЫХ ЛЬГОТ И ИХ ЗНАЧЕНИЕ В РАЗВИТИИ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА

В статье анализируются льготы в соответствии с действующим налоговым и таможенным законодательством для приоритетных отраслей экономики, в том числе сельского хозяйства. На основе изучения опыта соседних стран предлагаются пути совершенствования указанных льгот.

***Ключевые слова***: *налоговая система, сельское хозяйство, налог на добавленную стоимость, таможенная пошлина, импорт, экспорт.*

**ANNOTATION**

**WAYS OF IMPROVEMENT THE TAX AND CUSTOMS BENEFITS AND THEIR IMPORTANCE IN THE DEVELOPMENT OF AGRICULTURE**

The article analyzes the benefits in accordance with the current tax and customs legislation for priority sectors of the economy, including agriculture. The author proposes the ways of improving these benefits based on the study of the experience of neighboring countries.

***Key words:*** *tax system, agriculture, value added tax, customs duty, import, export.*